**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2025. – 179 с.**

Адабиёти даврони шуравӣ ва замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз давраҳои пурғановати таърихи адабиёти тоҷик ба шумор рафта, дар адабиёт, хусусан, дар шеър таҳаввулоти шаклию мундариҷавӣ ва ҳунарию бадеии зиёде ба вуҷуд омадааст. Навгониҳо ва озодандешиҳоисоҳибқаламони солҳои шастум ва ҳафтодуми асри ХХ дар адабиёти тоҷик иқдоми тозаи навҷӯӣ ва эҷоди қолабҳои озоди шеъриро ба вуҷуд оварданд, ки он таъсири худро ба навқаламони ин солҳо расонид. Агар баъди ҶБВ намунаҳои барҷастаи чунин таҳаввулотро дар эҷодиёти шоироне чун Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат мушоҳида кунем, дар солҳои минбаъда Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Кором, Гулназар, Ҳақназар Ғоиб, Гулрухсор, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло ва чанде аз шоирони дигари навқалам ин равияи эҷодиро хуш пазируфтанд.

Алимуҳаммад Муродӣ аз ҷумлаи он адибонест, ки майлҳои худшиносӣ ва тозаҷӯию навгароӣ дошта, ҳунар ва диду назари тоза дорад. Ин адиби шинохта масъулияти шоир буданро амиқ дарк карда, ба эҷодкориҳои назаррас ноил гашта, дар тасвиру тавсифи Ватан, шинохти муқаддасоти он ва тараннуми ғояҳои баланду умумибашарӣ ибтикороти назаррас дорад. Аз ҳамин лиҳоз, дар шакли рисолаи илмӣ ба таҳқиқу баррасӣ фаро гирифтани масоили марбут ба рӯзгор, фаъолияти эҷодӣ ва ҳунари шоирии Алимуҳаммад Муродӣ мавқеъ ва нақши шоирро дар назми муосири тоҷик муайян карда, ҳамчунин, дар ҳалли мухтассоти шеъри тоҷикии замони Истиқлол мусоидат менамояд. Дар ин асос метавон гуфт, ки таҳқиқи масъалаҳои марбут ба рӯзгору осор ва хусусиятҳои мавзуӣ, жанрӣ ва сабкию бадеии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ **аҳаммияти махсуси илмӣ** дошта, мавзуи таҳқиқшаванда яке аз **мавзуъҳои мубрами** илми адабиётшиносист.

Дар бандҳои 9-10-уми **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** пажӯҳиши нукоте тарҳрезӣ шудааст, ки ба таҳқиқи рӯзгору осори адибон ва масоили марбут ба мавзую муҳтаво, забону сабки баён, анъанаю навоварӣ ва мухтассоти ғоявию бадеии ашъори шоирони охири аҳди шуравию замони соҳибистиқлолӣ иртибот доранд. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишии шиносномаи ихтисоси илмии **10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** комилан **мувофиқат менамояд.**

Агар ба таҳқиқу муҳокимаҳои пешинаи ин мавзуъ дар илм ва матбуот назар андозем, мебинем, ки то ин замон муҳаққиқони адабиёти тоҷик ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёт ва баррасии равандҳои ташаккулу таҳаввули шеър дар замони Истиқлол ба осори адабии Алимуҳаммад Муродӣ ва чанде аз шеърҳои ватанхоҳии ӯ ишораҳо карда бошанд ҳам, мутаассифона, масоили марбут ба рӯзгору осори адиб, анъанаю навоварӣ ва вежагиҳои ғоявию бадеии ашъори шоирро бевосита таҳлилу баррасӣ накардаанд. Ҳол он ки таҳқиқи муфассали ашъори ин шоир **аҳаммияти махсуси илмӣ ва таълимиву тарбиявӣ** дорад. Омӯзишу пажуҳиши зиндагиномаю фаъолияти эҷодӣ ва таъйини нақши чунин чеҳраҳои адабӣ дар рушду такомули шеъри тоҷикӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад. Ба ин мавзуъ ва масъала рабт доштани диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло худ **аҳаммияти кори таҳқиқии ӯро бозгӯ** менамояд.

**Навгонии илмии диссертатсияи** Саъдуллозода Исматулло Саъдулло, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикии давраи нав, навгониҳои падидомада дар ин самт ва сохтору муҳтавои ашъори шоир таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Дар рисолаи мавриди назар таҳқиқи ашъори Алимуҳаммад Муродӣ аз нигоҳи хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрӣ ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешаванд, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба андозаи зарурӣ истифода гардида, истинод ба сарчашмаҳо ва таҳлилу таҳқиқи мисолҳо асосан мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат менамоянд. Истифодаю мисолҳои мушаххас аз сарчашмаҳои адабӣ, равишҳои таҳқиқии мавзуъ дар дар бобу фаслҳои диссертатсия истифодашуда ба муаллиф имкон додааст, хулоса ва тавсияҳои боэътимод бароварда, барои таҳқиқи минбаъдаи самтҳои дигари фаъолияти эҷодии Алимуҳаммад Муродиро замина фароҳам овардааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** боз дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳо ва равиши таҳқиқи муаллиф дар омӯхтани паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии адибони дигар, масъалаҳои ҳамгун дар адабиёти давраи нави тоҷик, таъини мавзую мундариҷа ва сохти шеъри тоҷикӣ, баррасии масъалаҳои марбут ба пайдоиши шаклҳои нави шеърӣ ба

унвонҷӯёну довталабони дараҷаҳои илмӣ ва магистрантону донишҷӯён ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Саъдуллозода Исматулло Саъдулло барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 9 банд манзури хонанда намудааст. **Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида** муҳтавои фаслу бобҳоро инъикос кардааст, ҷанбаи қавии илмӣ дошта, дар самти шинохту таҳқиқи хусусиятҳои мавзуи ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ва ҳунари шоирии ӯ дар ҷараёни ташаккулу таҳаввули шеъри тоҷикии давраи нав **аҳаммияти махсуси илмӣ** доранд.

Диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло аз муқаддима, 3 боб, 10 фасл, 7 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Рузгор ва осори Алимуҳаммад Муродӣ» ду фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввали боби якум, ки «Зиндагиномаи Алимуҳаммад Муродӣ» ном гирифтааст, бар асоси сарчашмаҳои илмӣ, тарҷумаиҳолӣ ва энсиклопедию адабӣ маълумоти мушаххас манзур гардида, замони тавлид, таҳсил дар мактаб, идомаи таҳсил дар факултаи забону адабиёти тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), хизмат дар саффи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шуравӣ, кор дар телевизиони тоҷик, мудири шуъбаи назм ва танқиди адабии Иттифоқи нависандагон, оғози фаъолияти эҷодӣ ва омилҳои ташаккули хунари эҷодии Алимуҳаммад Муродӣ баррасӣ шудаанд.

Фасли дуюми боби аввал – «Осори бадеии шоир» унвон дошта, дар он оид ба ҷараёни ба хонанда дастрас гардидани эҷодиёти шоир аз оғоз то ба имрӯз сухан меравад. Мувофиқи таҳқиқи унвонҷӯ аввалин шеъри Муродӣ «Суруди вафодорӣ» ном дошта, соли 1975 дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» рӯйи чоп омадааст. Дертар соли 1976 дар ҳамин рӯзнома чанд шеъри дигари шоири ҷавон таҳти унвонҳои «Қафас бишкан» ва «Оянда дар пеш» ба табъ мерасанд.

Мувофиқи таҳқиқи диссертант дар муаррифии шеърҳои аввалини А. Муродӣ саҳми устод Соҳиб Табаров калон аст. Маълум мешавад, ки 23-юми марти соли 1978 бо пешгуфтори ин адабиётшинос ду шеъри А. Муродӣ бо номҳои «Ману зиндагӣ» ва «Деҳқондухтар» дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») нашр мешаванд. Баъдан маҷмуаи аввалини Алимуҳаммад Муродӣ соли 1983 бо пешгуфтори Шоири халқии Тоҷикистон Убайд Раҷаб бо номи «Дастниҳол» рӯйи чоп омадааст. Диссертант дар асоси методи оморӣ муайян намудааст, ки дар миёни 24 шеъри ин маҷмуа 7 шеъри нимоӣ, 13 чаҳорпора, 1 ғазал, 1 мухаммас, 1 манзума ва 1 достон ба назар мерасанд.

Ба ҳамин тартиб дисертант доир ба «Нози Наврӯз», «Роҳи руҳ», «Чароғи рӯзадор», «Хайрбоди баҳор», «Моҳи хасрав», «Боғи мурод», «Сумбулкон», «Шафақи шом» – ҷамъ ба 9 маҷмуаи шеърии шоир, ки дар солҳои гуногун рӯйи чоп омадаанд, маълумоти мухтасар дода, роҳи фаъолияти эҷодии шоирро ба хонанда равшан мегардонад. Аз муҳтавои ин фасл маълум мешавад, ки Алимуҳаммад Муродӣ адиби пурмаҳсул ва фаъолияти адабии ӯ гуногунҷабҳа аст. Барои амиқтар дарк намудани муҳтавои маҷмуаҳои ашъор ҷадвале ҳам пешниҳод шудааст.

Муҳтавои асосии фасли дуюми боби аввалро таҳқиқи осори бадеии шоир дар бар мегирад, ки мавзуъ ва мухтавои он аз назари муҳаққиқону ҳампешагон ба шахсият ва эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ баҳогузорӣ шудааст. Аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва фасли дуюми боби аввал маълум мешавад, ки рӯзгору пайроҳаи эҷодӣ ва ҳунари шоирии Алимуҳаммад Муродӣ асосан дар қолаби тақризу мақолаҳо баррасӣ гардидааст. Дар тақвияти андеша диссертант аз хотирот, тақризу мақола ва ишораҳои С. Табаров, У. Раҷаб, М. Имомзода, Ш. Раҳмонов, А. Кӯчарзода, Ф. Меликиён, М. Халифазода, А. Шеърдӯст ва Ҳ. Раҳмон ёдовар шудааст. Бояд гуфт, ки, дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору осор ва фаъолияти шоирии Алимуҳаммад Муродӣ баҳсҳое ба назар мерасад, ки онро кори таҳқиқии мавриди назар то андозае комил мегардонад.

Боби дуюми рисола, ки «Ҷанбаҳои мавзуии ашъори адиб» ном дошта, аз чаҳор фасл иборат буда, дар ин боб муҳимтарин мавзуъҳо ва масоли меҳварии шеъри А. Муродӣ баррасӣ шудаанд. Фасли якуми боби дуюми рисола «Мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ» ном дорад. Ба андешаи диссертант, яке аз мавзуъҳои марказӣ дар адабиёти куҳанбунёди тоҷику форс мавзуи Ватан ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад. «Ватан дар тасаввури Алимуҳаммад Муродӣ мафҳуми васеъро ба бар карда, он забон, таърих, табиат, руду кӯҳистон, ёлаву талҳо ва гузаштаву имрӯзу фардои диёр маҳсуб меёбад» (диссертатсия,

с. 44). Дар ин гуна шеърҳои шоир сабки хосси эҷодиёти ӯ беҳтар намоён мешавад. Барои тасдиқи фикр аз шеъри «Турнақатор» мисол оварда мешавад:

Турна хати шикастае дар осмон навишт,

Байти равон ба дафтари зарди хазон навишт.

Ҳушам ба бонги турнаву гӯшам ба ҳарфи дил,

Гуфтам, ки чист тарки Ватан, тарки ҷон навишт.

(диссертатсия, с. 139).

Дуруст аст, ки ашъори ба ин мавзуъҳо бахшидаи шоир худшиносии миллии хонандаро тақвият бахшида, арҷгузории шоирро ба зодгоҳ ва марзу буми ниёгон нишон дода, нисбат ба дарду доғ ва ниёзҳои ҷомеа бетараф набудани ӯро собит мекунанд.

Диссертант дар фасли дуюми боби мазкур, ки «Баррасии мавзуи бачагӣ» унвон дорад, аз зуду бебозгашт рафтани айёми биҳиштосои бачагӣ дар шигифт будани шоирро, ки дар шеърҳояш тасвир кардааст, дарк мекунад ва ҳангоми таҳлили ин гуна шеърҳо давраҳои бачагии ӯро дар бари талу теппа ва кӯҳсор, аз роҳи чашмаи деҳа, аз селобҳову сангобҳои диёраш ҷӯё мешавад.

Саъдуллозода Исматулло дар фасли сеюми боби дуюм, ки «Ситоиши модар» ном дорад, доир ба ситоиши зан-модар аз тарафи шоир сухан карда Алимуҳаммад Муродиро чун яке аз саромадон ва устодони модарноманигории замони Истиқлоли давлатӣ муаррифӣ кардааст. Диссертант бо овардани шеърҳои ба ин мавзуъ бахшидаи шоир исбот мекунад, ки дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ тараннум ва ситоиши модар ҳанӯз аз давраҳои аввали қалам ба даст гирифтани адиб оғоз ёфта, то ба имрӯз шоир ба ин мавзуи ҷовидонӣ шеърҳои зиёде бахшидааст.

Фасли чоруми боби дуюм таҳти унвони «Тараннуми ишқу муҳаббат» ном гирифта, дар он дисертант доир ба ин мавзуъ ибрози андеша намуда, мавзуи ишқу муҳаббат ва тараннуми онро дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ назаррас медонад. Дар ин замина ӯ аз китоби шоир – «Сунбулкон» шеърҳои зиёди ба ин мавзуи муҳимми зиндагии одамизод бахшидашударо мисол меорад. Дар ҷамъбасти фасл дисертант ба хулоса омадааст, ки рангорангию ҷило ва накҳату нафосати беолоиши зиндагӣ зери мафҳуми ин нерӯи бузург – Ишқ ҷамъбасти мантиқии худро дарёфт кардааст (диссертатсия, с. 75).

Боби сеюм – «Хусусиятҳои жанрии ашъор ва ҳунари нигорандагии шоир» унвон гирифта, чаҳор фаслро дар бар мегирад, ки онро аз ҷиҳати муҳтаво ва пурборӣ яке аз бобҳои меҳварии рисола метавон номид. Фасли якуми боби сеюмро диссертант «Ашъори дар жанрҳои суннатӣ эҷодкардаи шоир» ном гузошта, дар он корбурдтарин жанрҳои ашъори шоирро ба риштаи таҳлил кашидааст.

Диссертант дар зерфаслҳои 3.1.1. то 3.1.3-и фасли аввали боби сеюм ашъори суннатии шоирро дар шаклҳои шеърии ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, қитъа, мустазот, мусаммат, тарҷеъот ва достону манзумаҳо ба риштаи таҳлил кашида, ҳар яки онро дар алоҳидагӣ шарҳ додааст. Аз таҳлили ашъори суннатии шоир рисоланавис хулосабарорӣ намуда, мегӯяд, ки «ҳар як кашфи маъноии шоирона, тасвир, лаҳзаву ҳолат, ҳис ва таркиби баён дар ин қабил шеърҳо дар ҳавзаи андешаю тафаккури ӯ бо шева ва равишу сабки ба худ хос анҷом пазируфтааст, ки дар ҳар як шеъри он меъёри вуруду ҳузури вожаҳо, баёни тасвиру сохти онҳобо таҷаллию қиёми бештари маъноӣ, софтару пурҷилотар рангомезӣ шудаанд» (диссертатсия, с. 111).

Диссертант бо ин бобу фаслҳо исбот карданист, ки қисмати муҳимми эҷодиёти Алимуҳаммад Муродиро ашъори суннатӣ ташкил медиҳад. Ҳарчанд дар нимаи дуюми қарни бист арузи наву чаҳорпора ба тадриҷ мавқеи асосиро касб намуда истода буданд, шоир кӯшиш намудааст, ки дар эҷодиёташ аз жанрҳои суннатӣ, аз қабили ғазал, маснавӣ, қитъа, мусаммат, мустазод ва рубоию дубайтӣ низ фаровон истифода кунад.

Дар зерфасли 4-уми фасли якуми боби сеюм муҳаққиқ дар атрофи манзума ва достонҳои шоир суҳбат ороста, ба хулосае омадааст, ки дар маҷмуаи «Дастниҳол»-и шоир як манзума бо номи «Парвоз» ҷой дода шуда, он аз кӯчонидани мардуми кӯҳистон ба водӣ ва давраҳои кӯдакии қаҳрамони ғиноӣ нақл мекунад. Дар ҳамин маҷмуа як достони шоир бо номи «Давлат» ва дар маҷмуаи «Роҳи руҳ» бошад, достони «Эътиқод» ҷой дода шудааст. Аз хулосабарории диссертант бармеояд, ки ҳарду достон мавзуи синфи коргарро дар бар мегиранд.

Фасли дуюми боби сеюмро рисоланавис бо унвони «Шеъри нав» оварда, онро ба се зерфасл ҷудо карда, оид ба «шеъри нимоӣ» ва шеърҳои хурди тасвирӣ ё шеъри хусравонӣ баҳс оростааст. Ба қавли рисоланавис баробари ашъори суннатӣ дар эҷодиёти А. Муродӣ шеъри хусравонӣ, нимоӣ ё арузи нав ҷойгоҳи хосеро дорост. Ба андешаи муҳаққиқ, дар 22 шеъри хусравоние, ки дар маҷмуаи «Сумбулкон» оварда шудаанд, тасвир мавқеи марказӣ дорад, ки аз се, ду ва, баъзан ҳамагӣ аз як мисраъ иборатанд. Мисол:

Зиндагиро ранҷ додам шаст сол,
Офарин бар тоқаташ, таркам накард.

Ё худ:

Аз оташи хори хушк гул месӯзад.

Фасли сеюми боби сеюмро рисоланавис «Вазни ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» номгузорӣ кардааст. Ҳангоми таҳқиқи вазнҳои ашъори Алимуҳаммад Муродӣ диссертант маълум кардааст, ки шоир дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, раҷаз, хафиф, музореъ, мутадорик, шеърҳо эҷод намудааст. Хусусиятҳои хосси арузи форсию тоҷикӣ дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ басо возеҳу равшан зоҳир гардида, бо оҳангнокӣ ва хотирмон будан дар хонандагон ҳиссиёти марғубу дилкаш ва пурэҳсосро бедор месозанд. Дар фасли чоруми боби сеюм, ки онро диссертант «Ҳунари нигорандагии Алимуҳаммад Муродӣ» номгузорӣ кардааст, пеш аз ҳама, ҳунари шоир дар тасвир, баёни ҷозиб, суханороии тоза ва истифодаи ҷолиби санъатҳои бадеӣ аён мушаххас шудаанд

**Дар маҷмуъ,** диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик кори таҳқиқии мукаммалу муфассал оид ба рӯзгору фаъолияти шоирии Алимуҳаммад Муродӣ буда, пажӯҳиши ҳолнома ва осори шоир, вижагиҳои сабкӣ ва ҳунари нигорандагии Алимуҳаммад Муродӣ, натиҷагириҳои муаллиф роҷеъ ба назми шеъри солҳои 1980-1990-и қарни гузашта ва адабиёти замони Истиқлол равзанаи тозаеро барои таҳқиқи минбаъдаи адабиётшиносии тоҷик боз хоҳад кард.

**Хулосаи диссертатсияи** Саъдуллозода Исматулло Саъдулло фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар **10 банд** фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ диссертатсияи тақризшаванда аз норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Ба андешаи мо, унвони баъзе фаслу бобҳои диссертатсия таҷдиди назар мехоҳанд. Масалан, фасли дуюми боби аввал – «Осори бадеии шоир» ба шакли «Фаъолияти эҷодии Алимуҳаммад Муродӣ» масъалагузорӣ ва унвон мегирифт, ба мақсад мувофиқ буд. Фасли дуюми боби дуюм – «Баррасии мавзуи бачагӣ» хусусияти умумӣ дошта, бояд мушаххас мешуд. Фасли сеюми боби дуюм бошад, «Ситоиши модар» номгузорӣ шудааст ва агар ба он калимаи «зан» ҳамроҳ карда мешуд, он пурратар мегашт.

2. Дар диссертатсия мавзуъ, муҳтаво, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва тасвиру бозёфтҳои Алимуҳаммад Муродӣ таҳқиқ гардида, вежагиҳои забону сабки баёни шоир амиқтар нишон дода мешуд, сифати кор боло мерафт. Дар фасли алоҳида матраҳ ва баррасӣ намудани мухтассоти сабкии ашъори шоир аҳаммияти кори илмиро боз ҳам зиёдтар менамуд.

3. Ғазал, рубоӣ ва дубайтиҳои Алимуҳаммад Муродӣ  таҳқиқи ҷудогона мехоҳад ва онро наметавон дар доираи як фасл матраҳ кард.

4. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия (саҳ. 4, 8, 10, 12, 17, 31, 37, 78, 99, 145, 152) ва автореферат (саҳ. 9, 12, 14, 17, 23) ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ ва гуногуннависӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор мебошад.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқӣ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия **ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** ҷавобгӯ мебошад.

**Хулоса,** диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қурбонзода Маҷид Абдулҳамид

«03» сентябри соли 2025.

Нишонӣ: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ,
кӯчаи Қурбон Раҳимов, хонаи 30
Тел.: (+992) 907-70-07-76
E-mail:  abdumajid_63@mail.ru

Имзои Қурбонзода Маҷид Абдулҳамидро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj.
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
03.09.2025.